*Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА - 012*
*назди ДДТТ, (734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ,1/2)*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати рисолаи Ғаюрова Рано Саидмуродовна дар мавзуи «Мукаммалгардонии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.05 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.05.03 - Хизматрасониҳои нақлиётӣ ва гумрукӣ) пешниҳод шудааст**

Дар раванди ташаккул ва рушди иқтисодиёти инноватсионӣ яке аз самтҳои муосир истифодаи фишангҳои ҳозиразамон ва пешбурди амалиётҳои ҷавобгӯ ба талаботи иштирокчиёни бозор, такмили механизми танзими тарифию гумрукии муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ, коркарди стратегияи рушди ва ворид намудани дигаргуниҳоро дар ин раванд ба ҳисоб меравад.

Аз таҳлилҳо бар меояд, ки дар шароити нави иқтисодию иҷтимоӣ яке аз масоили мубрами рушди бозор аз ҷиҳати илмӣ асоснок намудани мукаммалгардонии истифодаи низомҳои гумрукӣ ба мақсади рушди ҳамгирой ба ҳисоб меравад. Омилҳои зиёде ба рушди соҳаи хизматрасонӣ ва хизматрасониҳои гумрукӣ, рушди муносибатҳои байналмилалӣ таъсири бевосита доранд. Дар ин радиф мушкилотҳои зиёде нисбати такмили низоми истифода ва интихоби низомҳои гумрукӣ дар асоси ба назар гирифтани имкониятҳо ва потенсиали моддию иттиоотӣ ва кадрии ташкилотҳои гумрукиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он ба ҳисоб меравад. Инчунин масъалаҳои зиёде дар ҳалли ин масоил мавҷуданд. Ан ин рӯ мубрамияти мавзӯи рисолаи Ғаюрова Р.С. дар дар мадди аввал гузошта мешавад.

Аз таҳлили автореферат бармеояд, ки дар рисола дар сатҳи зарурӣ ҷабҳаҳои консептуалии идоракунӣ ва истифодаи низомҳои гумрукӣ дар рушди фаъолияти иқтисодиёти байналмилалӣ баррасӣ шуда, методологияи идоракунии самарабахши мақомоти гумрук дар асоси истифодаи амсилаи самараноки идоракунӣ ва низомҳои гумрукӣ пешниҳод гардидааст.

Инчунин аз таҳлили автореферати диссертатсия бармеояд, ки дар он таҳлил ва баҳодиҳии хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти динамикаи ҳаҷми амалиётҳои воридотию содиротӣ аз рӯи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда, намуди амсилаҳои вобастагии истифодаи намудҳои низомҳои гумрукӣ дар мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2022 ва мудириятҳои минтақавии шаҳри Душанбе, шаҳри Турсунзода, Вилояти мухтори Бадахшони Кӯҳӣ, вилояти Суғд ва вилояти Хатлон тартиб дода шуда, камбудиҳои ҷойдошта муайян карда шудаанд. Натиҷаҳои арзёбии вазъ ва рушди фаъолияти гумрук ба муаллиф имконият дод, ки омилҳое, ки ба рушди хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ таъсир мерасонанд муайян карда шудаанд. Бо истифодаи ин натиҷаҳо

амсиласозии иқтисодию риёзии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар мақомоти гумрук гузаронида шудааст.

Дар рисола ташаккулёбии стратегияи рушди инноватсионии мақомоти гумрукӣ бо назардошти муайян намудани ҳадафҳои асосӣ ва афзалиятҳои хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ, самтҳои асосии такмили фаъолияти гумрукӣ, амалисозии иҷрои вазифаҳои фискалии мақомоти гумрукӣ ва ғайра хело хуб баррасӣ шудааст.

Мутаассифона новобаста ба бартариятҳо автореферат дорои камбудиҳо низ мебошад.

1. Дар рисола дар сатҳи зарурӣ таҳқиқи низомҳои гумрукию хусусияти истифодабарии онҳо дар шароити муносибатҳои иқтисодиёти бозорӣ дида баромада шудааст. Мутаасифона раванди такмили низомиҳои гумрукӣ дар автореферат пурра шарҳ дода нашудааст.

2. Инчунин дар автореферат на ҳамаи қисматҳои стратегияи рушди инноватсионии мақомоти гумрукӣ дар шароити муосир ва арзёбии сатҳи хизматрасониҳо дар раванди истифодаи низомҳои гумрукӣ дида баромада шудааст.

Эродҳои нишондодашуда характери тавсиявӣ дошта, мазмун ва баҳои воқеии диссертатсияро тағйир намедиҳанд.

Корҳои чопшуда ва автореферат сохтор ва мазмуни диссертатсияро дар бар мегиранд.

Ба ақидаи мо, рисолаи илмӣ дар мавзуи «Мукаммалгардонии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешниҳод шуда, кори илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта буда ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он Ғаюрова Рано Саидмуродовна сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.05 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.05.03 - Хизматрасониҳои нақлиётӣ ва гумрукӣ) мебошад.

Тақриздиҳанда:
номзади илмҳои иқтисодӣ,
саромӯзгори факултети Иқтисод ва идора
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Сафарова М.Б.

Тасдиқ менамоям:
Сардори РК ва КМ
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Амиров Ф.А.

Суроға: 735360 Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16
Тел: (+992-3322) 2-35-06, 2-35-09
E-mail: info@kgu.tj